# Аризаи электронӣ (муроҷиати электронӣ) барои номҳои тозаэҷод дар номгузории фарзандон (Дастур барои истифода)

Submitted by Ҳайати тадорукот on 29 November, 2017 - 17:03

**Муҳтарам падару модарон!**
**Шумо метавонед аз хизматрасониҳои ҳукумати электронӣ марбут ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баред ва ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои номгузории фарзандон бо номҳои тозаэҷод ба таври электронӣ муроҷиат намоед.**

**Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки барои интихоби номҳо дар номгузории фарзандон аз «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» истифода баред. Барои осон намундани номгузории фарзандон бо номҳои тозаэҷод, Шумо метавонед аз аризаи электронӣ истифода намоед.**

**Умедворем, ки хизматрасониҳои электронии мо вақт ва хароҷоти Шуморо сарфа мекунанд, то тавонед нигоҳубини фарзандонатонро осон созед ва вақт ва хароҷоти сарфашударо ба онҳо ҳарчи бештар диҳед.**

## 1

АРИЗАИ ЭЛЕКТРОНИРО ОҒОЗ НАМОЕД [2]

## 2

Шакли аризаи электрониро пур намоед.

***Тавзеҳ барои корбарони бақайдгирифташуда:*** *Шумо метавонед ҳангоми пуркунӣ аризаро дар лаҳзаи дилхоҳ нигоҳ доред, кофе, чой, об нӯшед, дар бораи номгузорӣ ё тағйири номи фарзанди худ бо дӯстон ва оила маслиҳат кунед, ё ин ки маълумоти заруриро барои ариза тайёр намоед. Дар оянда метавонед аризаи электронии захирашударо аз ин лаҳза то анҷом идома диҳед. Ин имкон танҳо барои корбарони бақайдгирифташуда дастрас аст.*

*Меҳмонон ҳамеша метавонанд ҳисоби корбарии худро ба қайд гиранд ё ин ки озодона аз ин сомона ва аризаи электронӣ истифода баранд.*

## 3

Шумо метавонед имзои электронии худро ба воситаи муши компютерӣ, ангушт ё стилус/қаламȉ махсус (дар планшетҳо, смартфонҳо, ноутбукҳои дорои экрани ламсӣ, лавҳаи имзогузорӣ (signature pad)) гузоред.

### 4

Баъд аз он ки Шумо аризаи электрониро пур карда, пешниҳод мекунед, як нусха дар формати PDF ба нишонии почтаи электронии шумо фиристода мешавад.

### 5

Интизор шавед... Дархости шумо коркард мешавад.

## ЗАМИМАИ НАМУНА/МИСОЛ:

Намунаи/мисоли аризаи электрониро дар зер аз назар гузаронед:

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

### Category:

- Мурочиатҳо/аризаҳои электронӣ [3]
- Эълонҳо [4]

https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/webform_submission-887-162.pdf

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/888

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/instructions.png [2] http://kumitaizabon.tj/tg/node/887 [3] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/54794 [4] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/25